

# РАМЗИ ДӮСТИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОССИЯ

**Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон соли 1996 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созишномаи байнидавлатии Россия ва Тоҷикистон таъсис ёфта, нахустин муассисаи байнидавлатии олӣ ба шумор меравад.**

Дар асри XXI муносибатҳои бозорӣ аз давлати Тоҷикистон боздиди сиёсатро дар соҳаи маориф ва илм тақозо мекард. Ҳадафи асосӣ ҷавобгӯй ба шароити шоистаи зист ва иқтисодиёти пешрафта, бунёд намудани ҷомеаи пурқуввати шаҳрвандӣ бо роҳи баланд бардоштани соҳаи маорифи мамлакат дар ҳамкорӣ бо шарикӣ стратегӣ – Россия буд.

Ҳадафи стратегии фаъолияти таълимии Муассисаи байнидавлатии олии касбии “Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон”, ин ба вуҷуд овардани муҳити таълимӣ-илмии инноватсионӣ дар донишгоҳ буд, то раванди таълимро бо пажӯҳиши илмӣ муттаҳид созад, пешсафиро дар омодасозии мутахассисон аз ҳисоби ба маориф вориднамоии технологияҳои нави иттилоотӣ ба даст орад, мақоми муассисаро ҳамчун маркази пешбар дар самти донишҳои гуманитарӣ мустаҳкам кунад.

ДСРТ ба ҳузури Россия дар таҳкими илм, маориф ва тамаддуни фарҳангиаш дар Тоҷикистон бо роҳи васеъ кардани таъсири забони русӣ, адабиёт ва фарҳанг мусоидат менамояд.

Дар 30 кафедраи донишгоҳ 285 нафар устоду омӯзгорон фаъолияти пурсамар доранд, ки аз онҳо 133 нафар номзади илм, 42 нафар доктори илм буда, 67 кас барандаи унвони дотсентӣ ва 22 нафар унвони профессорӣ мебошанд. Сафи донишҷӯён аз 6234 нафар иборат аст.

Бо сабаби гузаштан ба системаи омӯзишии кредитӣ-рейтингӣ донишгоҳ технологияҳои нави таҳсилро татбиқ менамояд. Роҳбарияти ДСРТ имтиҳонотро дар асоси тестӣ, аз ҷумла бо речаи тестии он-лайн, ба роҳ мондааст, ки бешак ба баланд бардоштани сифати таълим мусоидат менамояд.

Соли 2015 Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии ДСРТ дар чорчӯбаи аккредитатсияи касбӣ-ҷамъиятии барномаҳои таълимӣ баҳои мустақил гирифт.

Ҳамкории байналмилалиро ДСРТ ҳамчун механизми асосӣ ва муасири рушди фаъолияти илмӣ-инноватсионӣ мешуморад ва онро аз рӯйи самтҳои зерин татбиқ менамояд:

*-густариши ҳамкории байни макотиби олӣ;*

*-инкишофи байналмилалии академии мобилии донишҷӯён ва омӯзгорон;*

*-афзун кардани сафи донишҷӯёни хориҷӣ.*

Айни замон ДСРТ бо макотиби олии хориҷӣ беш аз 90 шартномаи ҳамкориро ба роҳ мондааст. Федератсияи Россия, Олмон, Қазоқистон, Кипр, Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон ва дигар кишварҳо аз ин зумраанд.

Дар ДСРТ имрӯз 150 нафар донишҷӯйи хориҷӣ аз 12 кишвари дунё –Озарбойҷон, Арманистон, Афғонистон, Беларус, Қазоқистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Қирғизистон, Россия, Туркманистон, Ӯзбекистон, Эстония ва Кореяи Ҷанубӣ дар асоси шартнома ба донишомӯзӣ машғуланд.

Дар навбати худ ҳар сол наздики 100 донишҷӯ барои

Tajikistantimes.tj >>

***ДСРТ ба ҳузури Россия дар таҳкими илм, маориф ва тамаддуни фарҳангиаш дар Тоҷикистон бо роҳи васеъ кардани таъсири забони русӣ, адабиёт ва фарҳанг мусоидат менамояд.***

таҳсил ба макотиби олии ҳамкори Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷопон, Қирғизистон, Россия, Қазоқистон ва Олмон сафарбар карда мешаванд.

Бахри беҳтар кардани рақобатпазирии донишгоҳ ба чараёни таҳсил маърӯзачиён аз Хитой, Ҷопон, Олмон ва Федератсияи Россия ҷалб карда мешаванд.

Ҳамчунин, барои ҷолибтар намудани чараёни таълим ташкил намудани Телемост бо муассисаҳои таълимии Россия ба ҳукми анъана даромадааст. Ин имконият медиҳад, ки ба донишҷӯён лексияҳои кушоди ходимони маъруфи илм ва фарҳанги Россия тариқи Телемост дар вақти реалӣ намоиш дода шавад. Чанд муддат пеш чунин Телемост бо Донишгоҳи иқтисодии Россия ба номи Плеханов ташкил карда шуд, ки ба илмомӯзон хеле писанд омад.



*Солеҳов Нуралӣ Назарович, доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори ДСРТ*

Таъсису ташкили базаи моддӣ-техникии донишгоҳ дар заминаи ӯҳдадориҳои тарафайн тибқи Созишнома ба роҳ монда шудааст. Ин имкон фароҳам овард, ки донишгоҳ дар шароити нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар муҳлати кӯтоҳтарин ба муассисаи олии муосир табдил ёбад.

Ҳамзамон, дар назди ДСРТ Институти такмили ихтисоси омӯзгорон фаъолияти пурсамар дорад. Дар доираи Барномаи рушди донишгоҳ моҳҳои январ-феврали соли 2016 омӯзгорони забони русӣ, ки маълумоти махсуси филологӣ надоштанд, курсҳои 500-соатаи такмили ихтисоси касбиро хатм карданд. Дар ин курсҳо 16 омӯзгор аз навоҳии дурдасти кишвар таълим гирифтанд ва соҳиби дипломҳои тайёрии касбӣ гардиданд.

Дар соли таҳсили 2015-2016 дар Институти такмили ихтисоси донишгоҳ сатҳи ихтисоси худро 167 омӯзгори донишгоҳ ва 73 омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баланд бардоштанд.

30 августи соли 2016 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бинои нави таълимии донишгоҳ ба истифода дода шуд. Бинои нав дорои озмоишгоҳҳои замонавӣ, толорҳо барои маҷлис ва тамрину бозиҳои варзишӣ, утоқҳои лингафонӣ, студияи радио ва телевизион буда, барои дар сатҳи баланд гузаронидани чараёни таълим шароит фароҳам меоварад.

Инчунин, дар назди ДСРТ мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ фаъолият мекунад. Дар соли 2016 54 нафар хонандаи мактаби мазкур имтиҳони ягонаи давлатиро супурданд. Аз онҳо 11 нафар ба макотиби олии Россия, 2 нафар ба филиали МИСИС дар шаҳри Душанбе, 41 нафар ба ДСРТ дохил шуданд.

Аз фаъолияти босамари Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дар сомони **www.rtsu.tj** хабардор шудан мумкин аст.

**Э. НАЗАРОВ,**
**“Тоҷикистон”**